**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30 октябри соли 2025, № 103**

Барои сазовор донистани Риоев Акобир Мирзоевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 08 августи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №84-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Риоев Акобир Мирзоевич 25.06.1988 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2011 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси технология ва соҳибкорӣ (касби муаллими технология ва соҳибкорӣ) (**дипломи ДТО №0159921**) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Риоев Акобир Мирзоевич аз соли 2012 оғоз гардидааст. Мавсуф аз соли 2012 то 2014 ба ҳайси омӯзгори технология, касбу ҳунари мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №7-и шаҳри Душанбе, солҳои 2014-2015 омӯзгори технология, касбу ҳунари мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №10-и шаҳри Душанбе, солҳои 2015-2022 омӯзгори калони кафедраи таҳсилоти касбии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф кору фаъолият кардааст. Аз соли 2022 инҷониб фаъолияташро ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи психология, педагогика ва методикаи Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» идома бахшида истодааст.

Риоев Акобир Мирзоевич солҳои 2017-2021 ҳамчун унвонҷӯйи шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиши қабул аз 07.11.2017, №242) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», дар ҷаласаи шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 27.04.2018, №04 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Ғиёсиев Меҳриддин Илёсидинович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

Муқарризони расмӣ:

Исломов Озод Азимович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

Норов Фирдавс Фарҳодович – номзади илмҳои педагогӣ муаллими калони кафедраи дизайни либос ва санъати муди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 23.09.2025, протоколи № 10/13, ки онро раиси ҷаласа, Мансурова Ҷамила - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, Самиев Тоҳирҷон - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, Арбобова Ф.А. имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки

«...диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» таҳлили илмии мукаммалу амиқи масъалаи истифодаи технологияҳои муосири таълим дар фанни «Технология» (таълими меҳнат)-ро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бар гирифта, ба омӯзиши шароит, имконият ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълим дар ин фан бахшида шудааст. Фаъолияти пурсамар ва заҳматҳои муҳаққиқ имконият фароҳам овардaнд, ки навгониҳои илмии ин таҳқиқот ҳамчун бозёфтҳои арзишманди илмӣ ва амалии соҳавӣ арзёбӣ гарданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олй, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода шаванд ва ба ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ мусоидат намоянд.

Автореферати диссертатсия ҷавобгӯйи талабот буда, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофик аст ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқикоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои оадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Мақолаҳои нашрнамудаи Риоев Акобир Мирзоевич муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Риоев Акобир Мирзоевич довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 27 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 6 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Риоев, А. М. Истифодаи барномаҳои компютерӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) [Матн] / А.М. Риоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2019. – №3(32). – С. 69-73.

[2-М]. Риоев, А. М. Таҷҳизоти таълим ҳамчун унсури рушди сифати таълим [Матн] / А.М. Риоев // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2019. – №3(27). – С. 72-80.

[3-М]. Риоев, А. М. Навъҳои технологияҳои педагогӣ ва таҳрезии раванди таълим [Матн] / А.М. Риоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2020, №2(35). – С. 98-103.

[4-М]. Риоев, А. М. Технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) [Матн] / А.М. Риоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2020. – №3(36). – С. 117-122.

[5-М]. Риоев, А. М. Ҷанбаҳои муҳими технологияи педагогӣ ва истифодаи он дар раванди таълим [Матн] / А.М. Риоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. – №3(44). – С. 79-86.

[6-М]. Риоев, А. М. Ғиёсиев М.И. Роҳҳои ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) - зимни истифодаи технологияи муосири педагогӣ [Матн] / А.М. Риоев Ғиёсиев М.И. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2023. – №2. – С. 110-116.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф нуқтаи назари чандин олимону коршиносони соҳаро мавриди баррасӣ қарор додааст, аммо нуқтаи назари олимону муҳаққиқони ватанӣ дар мавзуи таҳқиқот кам ба назар мерасад. Хуб мебуд унвонҷӯ дар ин самт таҳқиқоти амиқтар мегузаронд.
2. Дар баъзе мавридҳо дар шарҳу тафсири диаграммаҳо ва ҷадвалҳо нофаҳмиҳо ва норасоиҳо дида мешавад. Хуб мебуд муаллиф ин масъалаҳоро ба тарзи дигар ё бо шарҳи муфассалтар ифода мекард.
3. Хуб мешуд, ки диссертант доираи пойгоҳии таҳқиқотии худро васеътар менамуд.
4. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои беҳтар намудани сифати кори илмӣ зарур аст.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Хулоса, диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Риоев Акобир Мирзоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ аз 23.09.2025, протоколи №

10/13, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Риоев Акобир Мирзоевич иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Ба шурои диссертатсионӣ 4 тақриз ба автореферати диссертатсия ворид шудааст. Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Бозоров Хушвахт - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Муқарриз қайд кардааст, ки «....дар радифи комёбиҳои илмӣ баъзе камбудиву нуқсонҳо ба мушоҳида расид, ки зикри онҳо барои бештар гардидани ҳусни рисола, ба мақсад созгор аст»:

- аксари ғалатҳои ҷойдошта ба ғалатҳои имлоӣ рабт доранд ва бояд меъёрҳои навишти калима ва талаботи имлои забони тоҷикӣ бояд риоя карда шавад, аз ҷумла дар саҳифаи 15 (эстетикии хонандагон), саҳифаи 19 (фанни технология), саҳифаҳои 22,26,28 ва 41.

- дар қисмати феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, банди в) монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва воситаву дастурҳои таълимии чопшуда, адабиёти зикршудаи мазкур фикр мекунам ба мавзуи диссертатсия иртибот надорад: [30-М], [31-М].

2. Бобокалонов Суҳроб - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои табиӣ-риёзии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

3. Каримзода Шавкат. – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

4. Маҳмадалиев Эраҷ Шукруллоевич – номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи методикаи таълими технологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Муқарриз қайд кардааст, ки дар матни автрреферат гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ, китобатӣ ва техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо арзиши амалии корро баланд мебардорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Риоев Акобир Мирзоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 08 августи соли 2025, №84-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ шароитҳои педагогии татбиқи технологияҳои муосири таълим аз тариқи озмоиш **асоснок карда шудаанд;**
- меъёр, дараҷаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва намудҳои онҳо, равшан сохтани моҳияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) **ошкор ва коркард шудаанд;**
- восита ва шаклҳои фаъолияти омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар татбиқи технологиҳои муосири педагогӣ ва тарзҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо, мавқеи технологияҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон **муайян карда шудааст;**
- тавассути роҳу усулҳои мухталиф тасаввуроти мутахассисон, омӯзгорон ва хонандагон оид ба технологияҳои муосири педагогӣ ва моҳияти он дар донишандӯзии хонандагон **муайян карда шудаанд;**
- тавсияҳои илмию амалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳияти омӯзгор оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун сифати муҳимми касбии омӯзгор **коркард ва пешниҳод шудаст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**
- хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар асоси таҳлилу баррасии натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оиди ташкили истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба даст омаданд, дар ҳалли масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷумҳурӣ мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**
- натиҷаҳои бадастомада метавонад ҳамчун заминаи мувофиқи иттилоотӣ барои таълифи монография ва дастурҳои таълимию методии ба мавзуъҳои самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар

дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, андозагириҳои педагогӣ, истифодаи усулҳои математикию оморӣ дар таҳқиқоти педагогӣ ва монанди инҳо мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**

- хулосаҳои назариявии таҳқиқот ва тавсияҳои амалии он дар фаъолияти сохторҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои тарбияи миллии насли наврасу ҷавон ва қишрҳои дигари ҷомеа мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**

- истифодаи методикаи истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркардшуда ба баландбардории сатҳи натиҷабахшии таълими мактаббачагон, тағйир ёфтани муносибати онҳо ба таҳсил, инкишофи мақсаднок бо хусусиятҳои шахсӣ ва фитрӣ **мусоидат карда метавонад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян ва таҳқиқ кардани самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ **метавонад** дар таълиму тарбияи хонандагон тавассути истифодаи дарсҳои технология (таълими меҳнат) ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи омӯзиши рушди самараноки истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**
- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**
- интихоб ва таҳлили шароит ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**
- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**
- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**
- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтанд;**
- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**
- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**
- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо таъмин карда метавонанд;
- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**
- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;
- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти

диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

**- дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

**- дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

**- дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани сатҳи самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

**- дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

**- дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** барномаи истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

**- дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 30 октябри соли 2025, №103 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Риоев Акобир Мирзоевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 8 нафар, муқобили – 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 30.10.2025